# Бузургтарин гуноҳон дар назди Худованд

[Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية]

Абдусаттори Ҳақназар

2014 - 1435

IslamHouse.com

# أعظم الذنوب عند الله

«باللغة الطاجيكية»

عبد الستار حقنظر

2014 - 1435

IslamHouse.com

# Бузургтарин гуноҳон дар назди Худованд

عن عبد الله بن مسعود – رضي الله عنه – قال: قال رجل: يا رسول الله، أي الذنب أكبر عند الله؟ قال: "أن تدعو لله ندا وهو خلقك" قال: ثم أي؟ قال: "ثم أن تقتل ولدك خشية أن يطعم معك". قال: ثم أي؟ قال: "ثم أن تزاني بحليلة جارك". فأنزل الله – عز وجل – تصديقها: ﴿وَٱلَّذِينَ لَا يَدۡعُونَ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَ وَلَا يَقۡتُلُونَ ٱلنَّفۡسَ ٱلَّتِي حَرَّمَ ٱللَّهُ إِلَّا بِٱلۡحَقِّ وَلَا يَزۡنُونَۚ وَمَن يَفۡعَلۡ ذَٰلِكَ يَلۡقَ أَثَامًا ٦٨﴾ [الفرقان: ٦٨]

و الحديث: أخرجه البخاري (١٢/١٨٧) رقم (٦٨٦١)، كتاب الديات.

Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р.з) ривоят аст ки гуфт: Марде гуфт: Эй расули Худо! Кадом гуноҳ дар назди Аллоҳ таъоло бузургтар аст? Гуфт: "Инки бо Аллоҳ таъоло шарике бигири ва ӯ (Аллоҳ таъоло) туро халқ карда аст". Гуфт: Боз чи? Гуфт: "Инки фарзандатро аз тарси онки бо ту хурок бихурад қатл намоӣ". Гуфт: Боз чи? Гуфт: " Боз инки бо зани ҳамсоя ё мамлукаш зино куни" пас Худованд ин оятро нозил кард:

﴿وَٱلَّذِينَ لَا يَدۡعُونَ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَ وَلَا يَقۡتُلُونَ ٱلنَّفۡسَ ٱلَّتِي حَرَّمَ ٱللَّهُ إِلَّا بِٱلۡحَقِّ وَلَا يَزۡنُونَۚ وَمَن يَفۡعَلۡ ذَٰلِكَ يَلۡقَ أَثَامًا ٦٨﴾ [الفرقان:٦٨]

“Ва касонеанд, ки бо Худо маъбуди дигаре намехонанд ва ҳеҷ нафсеро ки Худованд ҳаром карда аст, ҷуз ба ҳақ намекушанд,  ва зино намекунанд, ва ҳаркас чунин кунад муҷозотро мебинад”.

Сураи Фурқон: 68

Бухорӣ  (12\187) (6861) Китоби диёт.

Ибни Аббос (р.з) дар баёни сабаби нузули ин оят мегуяд: (Мардумоне аз аҳли ширк куштор ва хунрези карданд ва бисёр куштанду зино карданд, сипас назди расули Худо омаданд ва гуфтанд: Ба рости ончи ки ту ба сӯи он даъват мекуни хуб ва нек аст, аммо агар ба мо хабар диҳи ки барои ончи ки муртакиб шудаем кафорате аст! Пас ин оят нозил шуд). Тафсири Анворул Қуръон (Ҷ 4\С 289).

Албатта гуноҳ ҳамаш бузург аст, аммо миёни гуноҳон мувофиқи осор ва алоқамандии он гуноҳ бар мардум ва муҷтамаъ фарқ аст. Барои ҳамин бузургтарини ин гуноҳон шарик гирифтан бо Аллоҳ таъоло дар ибодат аст. Ва баъд аз он қатли нафс бузургтарин гуноҳ аст, агарчанде ба сабаби бахили

бошад, мисли куштани фарзанд аз тарси ризқ (камбағали ва нодори), ё ба дигар сабабҳои ноҳақ.

Инчунин зино кардан ҳам аз ҷумлаи гуноҳони бузург аст, хусусан зино кардан бо хонаводаи ҳамсоя, зеро ҳамсоя бояд ҳамеша дар амни ҳамсояааш бошад.

Аллоҳ таъоло дар ояти дигар мефармояд:

﴿أَيُشۡرِكُونَ مَا لَا يَخۡلُقُ شَيۡـٔٗا وَهُمۡ يُخۡلَقُونَ ۝١٩١ وَلَا يَسۡتَطِيعُونَ لَهُمۡ نَصۡرٗا وَلَآ أَنفُسَهُمۡ يَنصُرُونَ ۝١٩٢﴾ [الاعراف: ١٩١، ١٩٢]

“Оё мавҷудеро бо ӯ шарик мегардонанд, ки чизеро намеофаринад ва худашон махлуқанд, ва наметавонанд ёрие ба онон бирасонанд ва наметавонанд худро ёри диҳад”.

Сураи Аъроф 191\192

Яъне: Оё мушрикони пайдо шуда аз насли Одам ва Ҳаво бутонро бо Аллоҳ таъоло шарик қарор медиҳанд? Бо онки медонанд ки онҳо чизе аз махлуқотро наофаридаанд то сазовори он бошанд ки мавриди парастиш қарор гиранд. Яъне: Ин бутон ё

шайтонҳо ё дигар чизҳое ки мушрикон ононро шарики Аллоҳ таъоло қарор медиҳанд худ махлуқ ва офаридаи аллоҳ таъоло ҳастанд, он Худои бузурге ки бешарик аст. Пас ҳар касе ки аз ёри додани худ оҷиз бошад албатта аз ёри додани дигарон оҷизтар аст.

Баъд аз ин оятҳо Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ تَدۡعُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ عِبَادٌ أَمۡثَالُكُمۡۖ فَٱدۡعُوهُمۡ فَلۡيَسۡتَجِيبُواْ لَكُمۡ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ١٩٤﴾ [الاعراف: ١٩٤]

"Онҳоеро, ки ҷуз Аллоҳ ба худоӣ мехонед, бандагоне чун шумоянд. Агар рост мегӯед, онҳоро бихонед, бояд шуморо иҷобат кунанд!".

Сураи Аъроф 194

Балки шумо эй касоне ки бутҳоро ибодат мекунед аз онҳо комилтар ҳастед, Зеро шумо зинда ҳастед ва сухан мегуед, роҳ меравед, мешунавед ва мебинед, дар ҳоле ки бутон ингуна нестанд, на мебинанд ва на мешунаванд ва на бар касе ёри расонда метавонанд.

Аллоҳ таъоло дар бораи куштани фарзандони бегуноҳ мефармояд:

﴿وَلَا تَقۡتُلُوٓاْ أَوۡلَٰدَكُمۡ خَشۡيَةَ إِمۡلَٰقٖۖ نَّحۡنُ نَرۡزُقُهُمۡ وَإِيَّاكُمۡۚ إِنَّ قَتۡلَهُمۡ كَانَ خِطۡـٔٗا كَبِيرٗا ٣١﴾ [الاسراء: ٣١]

“Аз тарси тангдасти фарзандони худро накушед, Мо онон ва ҳам шуморо рӯзи медиҳем, бегумон куштани онон гуноҳи бузурге аст”.

Сураи Исро 31

Чуноне ки баъзе аз араб дар ҷоҳилият гирифтори ин гуноҳ мешуданд, Ва шумо рӯзидиҳандаи онон нестед ки дар ҳақи онон чунин гуноҳеро бикунед.

Ибни Касир мегуяд: "Ин оят далолат мекунад бар ин ки Худованди бузург ба бандагони худ аз падар нисбати фарзандаш меҳрубонтар аст". Тафсири Анворул Қуръон (3 \402).

Зино ки яке аз гуноҳони бузург аст Аллоҳ таъоло дар барои он мефармояд:

﴿وَلَا تَقۡرَبُواْ ٱلزِّنَىٰٓۖ إِنَّهُۥ كَانَ فَٰحِشَةٗ وَسَآءَ سَبِيلٗا ٣٢﴾ [الاسراء: ٣٢]

“Ва ба зино наздик нашавед ҳар ойна он фоҳиша ва роҳи баде аст”.

Сураи Исро 32

Зино бисёр кори бад буда ва таҷовуз дар ҳудуди шариъат ва ақл мебошад, чун сабаби гум шудани насабҳо, ва ба фасод андохтани муҷтамаъҳо мешавад, ва инчунин сабаби дохил шудани соҳибаш дар оташи дӯзах мебошад.

Дар ҳадиси шариф омада аст ки:

وفي الحديث: "ما من ذنب أعظم عند الله بعد الشرك من أن يضع الرجل نطفته في فرج حرام" عزاه السيوطي في الجامع لابن أبي الدنيا.

“Баъд аз ширк ҳеҷ гунохе назди Худованд бузургтар нест аз онки марде нутфаашро (оби манияшро) дар раҳме бигузорад ки барояш ҳалол нест”.

Парвардигоро моро аз гуноҳони хурду калон нигоҳдор, ва хушбахтии зиндагии дунё ва охиратро ки дар парастиш ва тоъати туст насибамон гардон.